# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 - масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ

Масъалаи ҳнфзи манфиатҳои миллӣ ва воситаҳои асосии таҳкими он дар шароити муосир вазифаи муҳимтарини давлат ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо дар раванди сиёсии ҷомеаи муосир масъалаи омӯзиши манфиатҳои миллӣ аҳамияти илмию назариявӣ ва сиёсию амалии хешро батадриҷ афзун менамояд. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар доираи усули сиёсӣ рафтори консептуалии ягонаро ба вуҷуд наовардааст. Махсусан, дар шароити ҳозира масъалаи омӯзишу таҳлили манфиатҳои миллӣ нисбат ба дигар соҳаҳои ҷомеашиносӣ бештар дар низоми донишҳои сиёсӣ таҳқиқ карда мешавад.

Имрузҳо дар шароити муосири фазои геополитикии олам ва таъсири равандҳои глобализатсионӣ, тамоми давлатҳои олам кӯшиш ба он менамоянд, ки ҳамкорӣ дар самти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ байни якдигар дар асоси таҳкими манфиатҳои миллӣ сурат гирад. Зеро дар олам давлатеро ёфтан гайриимкон аст, ки дар муносибатҳои байналхалқӣ дар доираи манфиатҳои миллии худ амал нанамояд.

Низоми нави ҷаҳониро метавон саҳнаи бархӯрди манфиатҳо ва ҳимояи талаботу манфиатҳо донист. Равандҳои низоми нави ҷаҳонӣ дар олами муосир хеле мураккаб гардида, бархӯрди манфиатҳо дар фазои геополитикии олам, хосатан барои кишварҳои рӯ ба инкишоф, мушкилоти ҷиддӣ ба миён овардааст. Қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ дар сиёсати геополитикии худ тамоми омилҳоро баҳри расидан ба ҳадафҳои хеш мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар шаклгирии низоми нави ҷаҳонӣ равандҳои сиёсӣ нақши бештар дошта, онҳо дар шаклгирии низоми навин восита мешаванд. Масалан, акторҳои сиёсӣ баҳри татбиқи мақсадҳои худ ва барои ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ раванди сиёсиро ба таври зарурӣ истифода мебаранд.

Ҳолатҳои зикршударо ба инобат гирифта, Ф.Музафазода кӯшиш намудааст, ки дар таҳққиқоти диссертатсионӣ пайомадҳо ва хусусиятҳои таъсиррасонии равандҳои низоми нави ҷаҳониро ба манфиатҳои миллӣ нишон дода, ҷараёни минбаъдаи инкишоф ва ташаккулу таҳкими дигар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони соҳибистиқлолӣ ва шароити навини инкишоф бо назардошти воқеиятҳои низоми нави ҷаҳонӣ ба таври амиқ таҳқиқу баррасӣ намояд.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки ба таври назариявӣ заминаҳои зуҳур ва ташаккули падидаи манфиатҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешаванд.

Объекти таҳқиқотро ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ ташкил медиҳад.

Мавзуи таҳқиқот фарогири масъалаҳои назариявию амалии зуҳур ва ташаккули манфиатҳои миллӣ ва хусусиятҳои муҳимми таъсиррасонии он дар шароити Тоҷикистони муосир мебошад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот аз дақиқияти маълумот, кофи будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бар меояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳиқоти назарявӣ ва таҷрибавӣ пешнидод карда шудаанд.

Диссертатсия аз руйхати ихтисорот, муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳову адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар мудаддимаи рисолаи диссертатсионӣ муҳимияти омӯзиши мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардида, объект, предмет, максад ва вазифаҳои тадқиқот нишон дода шудааст. Инчунин, дар мудаддима асосҳои методологии тахқиқот, навовариҳои илмӣ, нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот, сатҳи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори таркибии рисолаи диссертатсионӣ нишон дода шудаанд.

Боби аввали диссертатсия - «Масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши масъалаи манфиатҳои миллӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ» ба таҳқиқи асосҳои илмию назариявӣ ва хусусиятҳои консептуалии манфиатҳои миллӣ дар шароити равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ бахшида шудааст.

Зербоби якуми он "Ҷанбаҳои назариявии масъалаи манфиатҳои миллӣ: моҳият, мазмун ва хусусиятҳои он" ном гирифта, бевосита омӯзиши хусусиятҳои муҳими манфиятҳои миллиро фаро мегирад.

Дар маънидодкунии мазмуни мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» дар илмҳои ҷомеашиносӣ, махсусан илмҳои сиёсӣ баҳсҳои зиёд мавҷуданд. Таҳлилу таҳқиқи масъалаи мазкур вобаста ба масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ якранг сурат нагирифтааст.

Зербоби дуюми боби якум "Консепсияи низоми нави ҷаҳонӣ ҳамчун раванди сиёсии фарогир: моҳият ва хусусиятҳои он" ном дошта, ба таҳлили ҷанбаҳои консептуалии низоми нави сиёсӣ бахшида шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки равандҳои сиёсӣ ҳаракат, ҷараёни

инкишоф, эволютсияи системаи сиёсӣ, тағйирёбии ҳолатҳои онро дар замон ва макон муайян мекунанд. Он маҷмӯи амали субъектҳои институтсионалӣ ва гайриинститутсионалиро бо амалинамоии вазифаҳои хоси худ дар соҳаи сиёсат, ки оқибат ба инкишоф ё шикасти ҳокимияти сиёсӣ меорад, муайян месозад.

Зербоби сеюми боби якум "Қонуниятҳои ташаккули таълимотҳои нав оид ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ" ном дорад.

Дар низоми сиёсии олам ва тамоюлҳои асосии инкишофи он муносибатҳои байниҳамдигарии акторҳои асосии сиёсати ҷаҳонӣ маком ва нақши хосаро касб менамояд. Давлатҳои миллӣ, ки новобаста аз андешаҳо ва таълимотҳои мухталифи глобалистҳо дар низоми муносибатҳои байналхалқи нақши пешбар ва ҳалкунанда доранд.

Боби дуюми диссертатсия - "Низоми нави ҷаҳонӣ ва воқеияти амалишавии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир" аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби мазкур "Манфиатҳои миллӣ ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо дар низоми нави ҷаҳонӣ" ном дорад.

Шаклҳои мубориза ва ё ҳамкорӣ аз манфиатҳои миллии мамлакат вобастааст, зеро давлатҳо барои ҳимояи манфиатҳои миллии худ манбаъҳои мухталиф ва технологияҳои гуногунро истифода намуда, натиҷаҳои нобаробар ба даст меоранд. Дар чунин ҳолат афзалияти як давлат нисбати дигар давлат мушоҳида мешавад ва дар ниҳоят бархӯрди манфиатҳоро ба вуҷуд меорад. Бархӯрди манфиатҳои миллӣ инъикоси афзалияти як давлат аз болои давлати дигар мебошад.

Зербоби дуюми боби дуюм " Ҷанбаҳои таҳдидовари низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дорад. Дар доираи зербоби мазкур аз диди таҳлилӣ баррасии равандҳои сиёсии таъсиррасон ба манфиатҳои дорои ҷанбаҳои амниятӣ ва фарҳангию иттилоотӣ муҳим буда, пайвасти мантиқиро дар омӯзиши масъалаи мазкур таъмин менамояд.

Ҳифзи эътимоди умумӣ барои ҳамбастагии иҷтимоӣ, иртиботи ҷомеа бо якдигар ва суботу сулҳи байналмилалӣ лозим аст. Дар ин раванд ба сифати манфиати бақодории миллат таъмини амният ва сулҳу субот баромад мекунад.

Зербоби сеюми боби дуюм "Вазъи геополитикии муосир ва таъсири он ба осебпазирии манфиатҳои миллӣ" ном дорад. Вазъи геополитикии замони муосир хусусияти мураккаб дошта, муносибатҳои дар доираи акторҳои гуногуни ҷаҳонӣ амалишаванда, норавшан боқӣ мемонанд. Тагйири мавқеъ, дигар намудани муносибати байниҳамдигарӣ,

таъсиррасониҳои манфиатхоҳона ба сиёсати кишварҳо, истифодаи зӯрӣ, воридшавӣ ба низоъҳои мусаллаҳона ва ташкили нуқтаҳои нави даргир дар ҷаҳон воқеияти сиёсии ҷаҳони муосир мебошад.

Дар хулосаи рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, таҳлилу баррасии масъалаи «манфиатҳои миллӣ» натиҷагирӣ шуда, пешниҳодҳо баён гардидаанд.

Ҳамин тавр, аз раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсия метавон ба чунин натиҷа расид, ки ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ ҳамчун масъалаи рузмарра, мураккаб, гуногунчабҳа ва муосир боқӣ хоҳад монд. Муаллиф ин масъаларо таҳқиқу таҳлил намуда, дарк менамояд, ки он боз ҳам таҳқиқи амиқтару возеҳ ва муносибати объекивиро тақозо менамояд. Мавзуи таҳқиқотӣ ҳануз ҳам ҳамчун мавзуи баҳснок диққати мутахассисону муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд.

Диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, барои дарёфт намудани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур **Раҳматов У.Н.**

Имзои У.Н. Раҳматовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқи ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур **Раджабова Н.**